# ТАҚРИЗ.КИТОБИЁТ
# ОБЗОРЫ.РЕЦЕНЗИИ
# SURVEYS.REVIEWS

***ТДУ 8Т1***
***ТКБ83, (9)Т***

## *МАРҲИЛАИ НАВИ ШИНОХТИ ВИЖАГИҲОИ ПОЭТИКИИ ҒАЗАЛИЁТИ БЕДИЛ*

***Тоҷибоев Шарифҷон Ғайбуллоевич,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик;* ***Азизов Сорбон Садуллоевич,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *НОВЫЙ ЭТАП В ИЗУЧЕНИИ ПОЭТИКИ ГАЗЕЛЕЙ БЕДИЛЯ*

***Таджибаев Шарифджон Гайбуллоевич****, к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы;* ***Азизов Сорбон Садуллаевич,*** *к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ,"ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

## *A NEW STAGE AIMED AT THE STUDY OF POETICAL PECULIARITIES OF BEDIL`S GHAZALS*

***Tojiboev Sharifjon Gaibulloevich****, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classic literature(Tajikistan, Khujand)* ***E-mail****: tsharif@mail.ru;* ***Azizov Sorbon Sadulloyevich,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classic literature under the SEI, KhSU named after acad. B.Gafurov' (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail****:* Sorbon-1987@mail.ru

***Вожаҳои калидӣ:*** *Бедил, поэтика, ғазал, шеър, адабиёти форсизабони Ҳинд*

*Тақриз ба арзишдоварии китоби "Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил"-и Н.Нуров ихтисос ёфтааст. Қайд мешавад, ки таҳқиқоти анҷомёфта ба баррасии ҳунари шоирии Бедил, хоса поэтикаи ғазалиёти шоир, таъсири шоирони гузашта ба шеъри Абулмаонӣ ва таасури Бедил ба суханварони баъд аз ӯ бахшида шудааст.Муаллифони тақриз бар он кӯшиш намудаанд, ки бобу фаслҳои китоби мавриди назарро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, арзишу аҳамияти таҳқиқоти анҷомёфтаро муайян созанд.Зимни баррасии китоб ҳамчунин баъзе таклифу мулоҳизоти нигорандагон ироа гардида ва камбуду норасоиҳои рисола ишора шудаанд. Муаллифон бар инанд, ки китоби мазкур марҳилаи наве дар шинохти поэтикаи ғазалиёти Бедил буда, дар илми адабиётшиносии тоҷик ҳамчун пажӯҳиши бунёдӣ ба ҳисоб меравад.*

***Ключевые слова:*** *Бедиль, поэтика, газель, поэзия, персидская литература Индии*

*В рецензии анализируются концептуальные положения монографии Н. Нурова «Поэтика газелей Мирзо Абдулкадира Бедиля». Акцентируется внимание на то, что в рецензируемой книге впервые в истории таджикской литературы были подробно изучены вопросы поэтики, стилистики и языка газелей Мирзо Абдулкадира Бедиля, влияния ранних поэтов на поэзию Абульмаони и влияния Бедиля на последующих поэтов. Авторы постарались тщательно проанализировать главы и разделы данной книги и определить ценность и важность исследования. При рецензировании книги были внесены предложения и замечания авторов, отмечены недостатки и упущение в монографии. Авторы считают, что эта книга является новым этапом в изучении поэтики газелей Бедиля и рассматривается как фундаментальное исследование в бедиловедении.*

***Key words:*** *Bedil, poetics, ghazals, poetry, Persian literature of India*

*The reviewers analyze the conceptual provisions of N.Nurov`s monograph entitled as "Poetics of Mirzo Abdulkadir Bedil`s Ghazals". Particular attention is focused on the fact that in the book under review, in the history of Tajik literature and the issues concerned with poetics, stylistics and language of Mirzo Abdulkadir Bedil`s ghazals; the influence of early poets over Abulmaon`s poetry and impact of Bedil upon*

*subsequent poets were studied in details, for the first time. The reviewers have made an endeavor to carefully canvass the book in question`s chapters and sections and determine the value and importance of the conducting consideration. While reviewing the book, suggestions and comments of the reviewers were made shortcomings and omissions in the monograph were underscored. The reviewers believe that the mentioned book is considered to be a new stage in the study of poetics of Bedil`s ghazals and as a fundamental research in the field of Bedil studies.*

Мирзо Абдулқодири Бедил аз зумраи маъруфтарин суханварони форсигӯи Ҳиндустон мебошад, ки аз замони зидагияш то имрӯз таваҷҷӯҳи шоирону тазкиранигорон ва аҳли таҳқиқро ҷалб намудааст. Дар баробари он чӣ дар тазкираву сарчашмаҳои замони Бедил ва асрҳои баъд дар робита ба мақому манзалати шоир дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ибрози назар шудааст, дар давоми панҷоҳ соли охир баррасию таҳқиқи рӯзгору осори шоир, махсусан тасҳеҳу нашри осори ӯ, вижагиҳои ҳунарию бадеӣ, сабку услуб, забон ва тарзи баён, сохтору мундариҷа, таъсиргузорию таъсирпазирӣ ва амсоли ингуна масоил таваҷҷӯҳи муҳаққиқони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Боиси қайд аст, ки дар ин замина корҳои арзишманде ҳам роҷеъ ба бедилпажӯҳӣ дар адабиётшиносии ҷаҳон ба амал омадаанд. Бо ин ҳама таваҷҷӯҳ ва таҳқиқи донишмандон роҷеъ ба аҳамияти адабии осори шоир ва мақому ҷойгоҳи суханварии ӯ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, бешак метавон гуфт, ки бо он ҳама густурдагӣ ва мақому ҷойгоҳе, ки дар адабиёти классикии мо дорад, то кунун масъалаҳои поэтикии ашъори шоир, махсусан ҷанбаҳои ҳунарию бадеӣ ва мавқеи ӯ дар ғазалсароӣ комилан баррасию таҳқиқ нагардидааст. Бояд таъкид дошт, ки омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии ашъори шоирон аз рукнҳои муҳими шинохти вижагиҳои ҳунарии шеър ба шумор меравад. Аз ин рӯ, имрӯз замоне фаро расидааст, ки барои ҳарчи беҳтар таҳқиқ намудани ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои бадеии ашъори шоирон масъалаҳои поэтикии ашъори онон ба доираи таҳқиқ кашида шаванд.

Боиси фараҳмандӣ ва нишот аст, ки чанде қабл дар заминаи бедилпажӯҳӣ, махсусан баррасии масъалаҳои поэтикии ғазалиёти Абулмаонӣ монографияи доктори илмҳои филологӣ Нуров Нуралӣ Норович таҳти унвони “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил”[1] тавассути нашриёти “Ношир”ба зевари табъ ороста гардид.Қобили зикр аст, ки муаллифи китоб солҳои зиёд роҷеъ ба вижагиҳои осори Бедил таҳқиқ анҷом дода, натиҷаҳои пажӯҳиши илмии худро дар чандин ҳамоиши байналмилалию ҷумҳуриявӣ ироа намуда, дар шакли мақолоту маҷмӯаҳо дар маҷаллаҳои илмии ватанию хориҷӣ ба нашр расонидааст. Мусаллам аст, ки Н.Нуров аз зумраи муҳаққиқони хуби осори Бедил дар радифи бедилшиносони кишварҳои форсизабон мебошад, ки тайи солҳои зиёд бо таълифи осори илмии худ роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни осори Абулмаонӣ ин гуфтаҳоро ба субут расонидааст. Китоби “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” натиҷаи таҳқиқоти пурдоманаи муаллиф дар заминаи корҳои бедилпажӯҳияш мебошад, ки дар зарфи солҳои зиёд таълиф шудааст. Аз ин рӯ, метавон изҳор дошт, ки китоби “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” дар марҳилаи нави бедилшиносӣ як падидаи тозае дар шинохти вижагиҳои поэтикии ғазалиёти Бедил ба шумор меояд.Китоби мазкур аз муқаддима, панҷ бобу бист фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст. Дар муқаддима муаллиф зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти Абулмаониро дар натиҷаи баррасии корҳои то кунун аз тарафи бедилпажӯҳони ватанию хориҷӣ ба анҷомрасида ба миён гузошта, ҳадафу мақсад ва тарҳи кори худро дар пажӯҳиши масъалаҳои поэтикии ғазалиёти шоир баён доштааст. Дар ин замина муаллифи китоб таъкид намуда, ки ҳарчанд дар давоми панҷоҳ соли охир пажӯҳишҳо дар кишварҳои Ҳиндустон, Покистон, Афғонистону Эрон, Тоҷикистону Ӯзбекистон, Руссия ва ҳатто Италиё дар робита ба афкору андеша ва ҳунарии шоирии Бедил ба миён омадаанд, вале то кунун масоили марбут ба поэтикаи ашъори суханвар дар сурати рисолаи ҷудогона таҳқиқ нашудааст. Аз гуфтаи муаллиф чунин бармеояд, ки китоби “Бутиқои Бедил”-и Абдулғафури Орзу ҳам ба кулли масъалаҳои поэтикии ашъори Бедилро фаро нагирифтааст ва ҳамчунин бахше аз матолиби китоби мазкур ба таъсири суханварони пешин ба шеъру андешаи Бедил бахшида шудааст. Аз ин рӯ, Н.Нуров ба баррасии масъалаҳои поэтикии ғазалиёти шоир пардохтааст. Дар робита ба фарогирии масъалаҳои поэтикӣ муҳаққиқ баҳс ороста, таъкид мекунад, ки “мафҳуми поэтика дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ аз доираи васеи фаҳмиш бархурдор аст”[1,с.4]. Дар идома Н.Нуров дар асоси гуфтаҳои донишмандон дар мавриди фарогирии масъалаҳои поэтикии осори адабӣ масоиле ҳамчун; поэтикаи сохтори асар, поэтикаи забони осори адабӣ, шеваҳои шоиронаи корбурди вожагони куҳан, вежагиҳои сужаи асар, сабки нигориш, образ, тасвир, таъсири аносири поэтикии суханварони дигар ба эҷодиёти як шоир ва амсоли ин таъкид доштааст.Дар заминаи

масъалаҳои поэтикии ёдшуда, муҳаққиқ ғазалиёти Бедилро аз назари корбурди шоиронаи вожаву мафоҳими мустаъмал дар фарҳанги мардумӣ ва ифодакунандаи суннату оинҳо, зарбулмасалу мақол, шеваҳои корбурди саноеи бедеӣ, тасвир ва тасвирсозӣ, мазмунофаринӣ, сабкшиносӣ ва усули ҳунармандонаи баёни мавзӯоти гуногун, шарҳ ва маънигузории хос, таъсири эҷодиёти шоирони гузашта ба Бедил, нақши Бедил дар ташаккули мактаби хосаи шеърӣ дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар бобу фаслҳои китоб ба доираи таҳқиқ гирифтааст. Чизи дигаре, ки қобили таваҷҷӯҳ аст, ин ки муаллиф поэтикаи ғазалиёти Бедилро “бори нахуст аз назари татбиқи меъёрҳои балоғати ҳиндӣ дар шеъри форсӣ ба риштаи таҳқиқ гирифтааст[1, с.16]. Ҳамчунин аз муқаддимаи муаллиф бармеояд, ки ӯ дар баробари омӯзишу таҳқиқи амиқи пажӯҳишҳои то кунун анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз муҳимтарин сарчашмаҳо роҷеъ ба Бедил ва осори ӯ, аз қабили нусхаҳои хаттии осори шоир маҳфуз дар китобхонаҳои Ризо Ромпур, Алигарҳ, Патна, Аграи Ҳинд, Ганҷбахш, Панҷоби Покистон, Китобхонаи милли Тоҷикистон, Китобхонаи ба номи А.Берунии Тошканд, нашрҳои дар Тоҷикистон, Эрону Афғонистон ва Ҳоланд анҷомёфта, ду нусхаи хаттии шарҳи девони Бедил ва сарчашмаҳои дигари илмии марбут ба мавзӯъ истифода намудаст, ки аз як тараф дастрасии муаллифро ба сарчашмаҳои муҳиму асили Бедил гувоҳӣ диҳад, аз тарафи дигар метавон гуфт, ки таҳқиқи масъалаҳои дар китоб баррасишуда бар пояи манобеи муътамади илмӣ ба амал омадааст.

Боби аввали китоб **“Сохторшиносии ғазал ва таҳаввули он дар эҷодиёти Бедил”** унвон дорад, ки шомили чор фасл мебошад.

“**Мирзо Бедил ва таҳаввули сохториву мавзӯии ғазал дар адабиёти классикии тоҷик**” унвон дорад фасли якуми боби аввал. Дар ин фасл муаллиф дар бобати сайри таърихии таҳаввули ғазал дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ то замони Бедил, дар асоси китобу сарчашмаҳои илмӣ андешаронӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф то замони Бедил аз назари сохтору мухтаво таҳаввулоти чамрасе дар ғазал тавассути бузургтарин чеҳраҳои адабӣ шурӯъ аз устод Рӯдакӣ то Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ ба вуқӯъ пайваста буд. Бо овардани далелҳои илмӣ муҳаққиқ ба субут расонидааст, ки Бедил дар ғазалсароӣ назар ба Аттору Саъдӣ, Мавлоною Ҳофиз ва дигарон дошта, дар осораш ба эҳтироми хосае аз онон ёд намудааст. Муаллиф бар ин назар аст, ки маҳз эътирофи мақоми шоирони бузурги ғазалсарои форсӣ-тоҷикӣ ва таъсири афкору андешаи онон боис бар он шуда, ки Абулмаонӣ “дар кашфи роҳи тоза ва ба қавли худаш “борики сухансанҷӣ” муваффақ гардида, бар инқилоби фикрӣ ва ҳунарӣ дар шеър даст ёбад” [1, с.23]. Ҳамингуна муҳаққиқ ба натиҷае мерасад, ки Бедил дар натиҷаи огоҳии комил аз адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дар таҳаввули ғазал, чи аз назари сохториву чи мухтавоӣ ва чи аз диди ҳунари шоирӣ ва сабкшиносӣ дошта, “муҳимтарин вижагиҳои ғазали классикиро бо шеваҳои тоза такмил кардааст” [1, с.24].Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки маҳз “сайди маъниҳои ноб” боис бар он гардида, ки Абулмаонӣ дар сохтори ғазали классикӣ “навъе таҷаддуд ворид намуда, аз сарҳади бархе аз қоидаҳои маъмули зоҳирии шеър дар пояи муроҷиат ба маънӣ бурун равад” [1, с.25]. Яке аз дигаргуниҳои сохторӣ, ки муаллиф ба он ишора мекунад - “такрори қофия ва нуфузи ғазалиёт бо радифҳои ҳамгун” [1, с.25] мебошад, ки аз муҳимтарин вежагиҳои сохторӣ дар девони Бедил маҳсуб меёфтааст. То замони Бедил такрори қофия қобили қабул набудааст ва Бедил дар заминаи тамоюл ба маъниофарии хеш гоҳо ду ва ё зиёда аз он як вожаро ба ҳукми қофия такрор мекунад, аммо калима дар коргоҳи тахайюли шоир маънии дигар касб мекунад. Инчунин дар фасли мавриди таҳлил масъалаҳои теъдод ва ҳаҷми ғазалиёти Бедил дар муқоиса бо шоирони классик, махсусан Мавлоно, таҳаввули авзони арӯзӣ, мусиқии дохилии ғазал, ибтикори Бедил дар истиқлоли мисраъ ва офаридани як ибора дар як мисраъ бо овардани мисолҳо аз ғазалиёти шоир таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Фасли дуюми боби аввал “**Бозтоби афкори адабии Бедил дар ғазалиёти ӯ**” номгузорӣ шудааст. Масъалаҳои асосие, ки дар ин фасл аз тарафи муаллиф бештар бар он таваҷҷӯҳ шудааст, назари донишмандон ба сабку услуби баёни Бедил ва нақду назари шоир роҷеъ ба шеъри худ мебошад. Аз баррасӣ ва далелҳое, ки муаллиф дар фасли мазкур роҷеъ ба нуктаи назари аҳли адаб ба забони шеъри Бедил оварда, чунин бармеояд, ки аз замони зиндагии шоир то ба имрӯз диққати аҳли таҳқиқро забони баёни шоир ба худ ҷалб намудааст. Муаллиф бар ин назар аст, ки ҳарчанд бештраи муҳаққиқон забони шеъри шоирро ибҳомофарин ва мушкилписанд мехонанд, вале худи Бедил нисбат ба тарзи баёни шеъраш таъкид намуда, ки: “**Дар тааммул бештар дорад равонӣ шеъри ман**” [1, с.49]. Бо вуҷуди ин аз баррасиҳои муаллиф бармеояд, ки дар мавридҳое худи Бедил ибҳомро дар суханаш эътироф намуда, барои дарки он

"фаҳми тунд" лозим мешуморад ва гоҳо изҳори нигаронӣ намуда, ки **"аз забони хаёли ман касе огоҳ нест"**(53). Ҳамингуна муаллиф ба натиҷае мерасад, ки бо вуҷуди нақду назарҳои зидду нақис аз тарафи донишмандон нисбати шеъри шоир, нигоҳи махсуси худи ӯ ҳам ба шеъру андешаш қобили таваҷҷӯҳ аст ва маҳз бо ҳузури Абулмаонӣ дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ "зуҳури шеъри ба истилоҳ тафаккур" ба вуҷуд омадааст [1, с.49].

Унвони фасли сеюми боби мавриди таҳлил "**Истиқлоли мисраъ, такрори қофия ва радифҳои нодир**" мебошад. Таҳлилу пажӯҳиши мақоми Бедил дар ташаккули истиқлоли мисраъ дар сабки ҳиндӣ, ба сурати такрор овардани вожаҳо дар мавқеи қофия ва касби маъноҳои мухталиф, дигаргуниҳо дар офариниши радиф дар ғазал аз масоили муҳими фасли мазкур мебошад, ки бо овардани санадҳои зиёде аз ашъори шоир муаллиф мушаххас намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи истиқлоли мисраъ дар сурудаҳои Бедил муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки: "ду нуктаи муҳим мӯҷиби арзёбӣ аст: аввал ин ки ағлаби мисраъ дар ғазалиёти Бедил маънии мустақил касб карда, як матлаб дар он тавзеҳ ёфта; дувум, ҳарчанд истиқлоли мисраъ дар ғазалиёти ӯ нуфуз ёфтааст, аммо дарунмояи ин ду мисраи мустақил ба ҳамдигар пайванд доранд..." [1, с.60].

Такрор омадани як калима ба сурати қофияро дар ғазалиёти Бедил муҳаққиқ аз муҳимтарин вижагиҳои сохторӣ ба шумор меоварад, ки то замони Бедил дар адабиёт навъе аз уюби шеърӣ ё ҳашв ба ҳисоб мерафт. Таъкид мегардад, ки ҳарчанд дар ғазали сабки ҳиндӣ, хоса Бедил "вожагон дар мақоми қофия такрор мешаванд, аммо маъниҳои шоиронаи мухталиф касб мекунанд"(1, с.65). Дар баробари таҳаввулоти маъноӣ дар такрори вожаҳо дар мақоми қофия, ба андешаи муаллиф Бедил ба офариниши дигаргуниҳое дар радифи ғазалҳои хеш даст ёфта, ки онро "радифҳои нодир низ метавон унвон кард" [1, с.68]. Аз назари муҳаққиқ такрори қофия ва радифофаринӣ тавассути калимаву таъбирҳои мухталифи нодир Бедил ибтикороте ҳам дар "маъниофарӣ, ҳам дар калимасозиву таркибофаринӣ" намудааст.

Фасли охири боби аввал "**Вежагиҳои корбурди авзони ғазал дар девони Бедил**" номгузорӣ шудааст. Аз баррасиҳои фасли мазкур чунин бармеояд, ки яке аз ибтикороти Бедил дар сохтори ғазал истифодаи авзони мухталиф ва камтаҷрибашуда мебошад. Ба андешаи муаллиф яке аз сабабҳои истифодаи авзони мухталиф ва камтаҷриба дар девони шоир ба теъдоди зиёди ғазалҳо дар девони Бедил марбут мебошад. Қайд мешавад, ки ҳанӯз сарчашмаҳои дар замони Бедил таълифшуда роҷеъ ба корбурди вижаи авзони арӯз ишора шудааст. Ҳамчунин баррасиҳои пажӯҳишгарони муосир роҷеъ ба мусиқии шеъри Бедил, махсусан корбурди вазни арӯз дар девони шоир мавриди таҳлили муаллиф қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлили мақолаи бедилпажӯҳон Ҳабиб Ҷадидулислом ва Насрин Шафоӣ зери унвони "Мусиқии берунии девони Бедили Деҳлавӣ", андешаҳои бедилшиноси тоҷик Бобобек Раҳимӣ ва Аҳмади Зокирӣ - "Мусиқии шеъри Бедили Деҳлавӣ" қайд мекунад, ки дар баррасиҳои мазкур бештар корбурди теъдоди буҳури арӯз мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ин рӯ, муаллиф аз такрори корбурди омории авзони ғазалиёти шоир иҷтиноб варзида ба таҳқиқи вижагиҳои корбурди баҳри комил ва баҳрҳои мутақорибу мутадорик ва раҷази шонздаҳрукна пардохдааст.

Чунонки қайд гардид, муаллиф бар ин назар аст, ки яке аз муҳимтарин ибтикорот ва ҳунари Бедил дар сохтори ғазал маҳз дар истифодаи баҳрҳои камтаҷрибашуда, махсусан баҳри комил мебошад, ки ҳануз тазкиранигорони замони Бедил бар ин ишора кардаанд. Баҳри мазкур аслан хоси шеъри арабӣ буда, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ камтар мавриди истифода қарор гирифтааст. Маълум мегардад, ки дар девони Бедил баҳри комил, нисбат ба шоирони пешин зиёдтар ба кор рафтааст, ки миқдори он ба 60 ғазал мерасад. Дар идома муаллиф таҷрибаҳои Бедилро дар баҳри комил аз ибтикороти муҳим дар сохтори ғазал ба шумор оварда, роҷеъ ба сарчашма, таъсир ва сабабҳои таваҷҷӯҳ ва корбурди зиёди баҳри комил дар девони Бедилро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор медиҳад. Ба андешаи муаллиф яке аз сарчашмаҳо ва сабаби корбурди нисбатан зиёди баҳри комил дар девони шоир таъсири шеъри қадимаи ҳиндии ведоӣ ва санскрит мебошад, ки Бедил ошноии комил бар ин забон дошт ва ҳатто дар сарчашмаҳо қайд мешавад, ки Бедил "Маҳабҳарата"-ро аз бар медонист.Дар асоси пажӯҳишоти анҷомшуда, муаллиф қайд мекунад, ки "миёни сохтори шеъри қадимаи ҳиндии санскрит, аз ҷумла авзони ҳиҷоии ин навъи шеър ва қолиби мазкури баҳри комил аз чанд ҷиҳат шабоҳатҳо ошкор мешавад" [1, с.83]. Ҳамчунин шеъри қадимаи ҳиндӣ аз 21 ҳиҷо иборат аст, ки ғазалҳои дар баҳри комил сурудаи Бедил ҳам наздик ба ин миқдор ҳиҷоҳо мебошанд.

Дигар аз натиҷаҳои муаллифи китоб аз баррасии баҳри комил дар ғазалиёти Бедил ин аст, ки бештари ғазалҳои дар ин баҳр гуфтаи шоир чун ғазалҳои Мавлоно дорои қофияҳои дарунӣ буда, дар сурати тақсим кардани як мисраъ ба ду, шакли рубоӣ ва дубайтӣ ё сохтори

чаҳорпорае, ки дар шеъри муосир аст ба вуҷуд меояд. Муҳаққиқ ба хулосае мерасад, ки таҷрибаҳои Бедил аз корбурди баҳри комилро метавон яке аз заминаҳои шеъри нав ба шумор овард, ки навъе аз дароз шудани мисраъ худ тавсеа бахшидани сохтори ғазал, ки баъдан дар шеъри муосир сохторшиканӣ дар шеъри нимоӣ ва истиқлоли ҳаҷми мисраъ дар шеъри сафед пайванд мегирад.

Боби дуюми китоб **“Сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазалиёти Бедил”** унвон дорад, ки шомили шаш фасл мебошад. Метавон боби мазкури китобро аз пурбортарин ва арзишмандтарин бобҳои он ба шумор овард, ки масъалаҳои муҳими поэтикии ғазалиёти Бедил, ба монанди поэтикаи забони шеър ва забони бедилӣ, корбурди вожаҳои хос ва маъниофаринӣ тавассути онҳо, воситаҳои тасвири бадеӣ, вожасозӣ ва шеваҳои хоси таъбирофаринӣ, вожаву таркиб ва суннатҳои мардумӣ, шарҳ ва маънигузории шоирона дар девони Бедил дар фаслҳои он шарҳу тавзеҳ гардидааст.

Фасли аввали ин боб “**Поэтикаи забони шеър ва забони бедилӣ: сарчашмаҳои зуҳур ва омилҳои интисоби печидагӯӣ ба он**” ном дорад. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки роҷеъ ба масъалаи печидагӯӣ ва ибҳомофаринии Бедил дар шеър ҳанӯз дар замони шоир ду назари шинохт ба вуҷуд омада буд. Гурӯҳи аввал ин печидагӯӣ ва ибҳомофаринии шоирро мақоми ҳунарӣ ва таҷаддуди ӯ дар қаламрави шеър унвон кардаанд. Аммо гурӯҳи дуюм ин печидагӯиҳои Бедилро нодида гирифта, ҳатто “ғайрифорсӣ, ки тақлиди забони форсӣ кунад” гуфтаанд. Зимни муқоиса ва таҳлили ин ду назар муҳаққиқ қайд мекунад, ки назари аввал ҳамчун эътироф ва истиқболи сабки бедилӣ унвон гирифт ва заминаҳоро ҷиҳати ривоҷи ин сабк дар қаламрави шеъри форсӣ эҷод кард. Аммо ин ҳунари сухангустарии Бедилро танқид намуданд, ба андешаи муаллиф ноогоҳӣ аз аслу ҷавҳар ва сарчашмаҳои аслии шеъри Бедил мебошад. Ҳамин гуна Н.Нуров қайд мекунад, ки ҳарчанд тазкиранигорону муҳаққиқон аз чунини шеваи баёни Бедил танқид намудаанд, вале то кунун роҷеъ ба сабабҳо ва заминаҳои руҷуи шоир ба чунин тарзи баён изҳори назар накардаанд.

Бо ин ҳадаф муаллиф дар фасли мазкур бештар ба сабаб ва сарчашмаҳои руҷуи шоир ба печидагӯӣ пардохтааст. Қайд мешавад, ки Бедил дар баробари идомаи муҳимтарин суннатҳои шеъри классикии форсӣ-тоҷикӣ инчунин аз таҷрибаҳои нодир ва ҳунарваронаеро бо такая ба донишҳои омӯхтаи худ аз шеършиносии ақвоми дигар, махсусан шеъри қадимаи ҳиндӣ ба кор бурдааст. Ба андешаи муаллиф “Бедил барои таҳаввулоти шеваи баён ва забони ғазалиёти хеш аз унсурҳои муҳими балоғати қадимаи ҳиндӣ низ суд чуста, муҳимтарин назария ва амалияҳои онро шурӯ аз поэтикаи санскрит то назариёти аҳли балоғаи қуруни вусто дар қолиби шеъри тоҷикӣ татбиқ намудааст” [1,с.97].

Дар воқеъ, бо овардани мисолу далелҳои зиёди илмӣ ва назари донишпажӯҳон муаллиф дар ин фасл яке аз муҳимтарин масъалаҳои бедилпажӯҳиро ҳаллу фасл намудааст. Сарчашма ва зуҳури забони бедилӣ ва ё ба истилоҳ сабки бедилиро муаллиф дар татбиқи унсурҳои поэтикаи ҳиндӣ дар шеъри фосрӣ-тоҷикӣ тавассути Бедил унвон намудааст. Таъкид мекунад, ки маҳз татбиқи муҳимтарин унсурҳои поэтикаи ҳиндӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ боис бар он шуда, ки Бедил чун як шоири соҳибсабку соҳибмактаб дар қаламрави шеъри форсӣ-тоҷикӣ маъруфият пайдо намояд. Маҳз таъсири унсурҳои поэтикаи шеъри қадими ҳиндӣ ва татбиқи он дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ боиси зуҳури як забони фавқулодда дар адабиёти форсӣ бо фарогирии шеваҳои хоси таркибсозиву вожаофарӣ гардидааст.

Бар асоси омӯзиши қиёсии вижагиҳои поэтикаи қадими ҳиндӣ дар шеъри Бедил муаллиф дар фаслҳои баъдии боби дуюм ба баррасии масъалаи поэтикаи забони шеър пардохтааст.

**“Вожаҳои хос дар коргоҳи ҳунари шоирӣ ва маъниофариҳои Бедил” (дар мисоли вожаи нафас)** унвон дорад фасли дуюми боби мавриди таҳлил. Баррасии масъала дар фасли мазкур аз он ҷо шурӯъ шуда, ки муаллиф зимни овардани вожаҳои нафас, мавҷ, ваҳтаду касрат, ҳайрат, ранг ва амсоли инҳо таъкид мекунад, ки ҳарчанд дар девони Бедил ингуна вожагон корбурди фаровон доранд, аммо бештари маврид шоир аз такрори маъно дурӣ ҷуста, бар он калимот маънии тозаи шоирона бахшидааст.Дар мисоли вожаи “нафас” муаллиф корбурди чунин вожагонро дар девони Абулмаонӣ ба доираи пажӯҳиш гирифтааст, ки ҷолиби таваҷҷӯҳ мебошад. Вожаи нафас дар девони Бедил ба таъкиди муаллиф аз басомадтарин вожагон мебошад, ки шоир тавассути он ба сохтани таркибҳо, калимоти мураккаб ва таҳаввули маонии мухталиф мушарраф гардидааст. Вожа ва таркибҳои офаридаи Бедил тавассути вожаи “нафас” дар ашъори шуарои пешин ба назар намерасанд ва бештарашон офаридаҳои Абулмаонӣ Бедил мебошад. Дар идома бо овардани вожаву таъбирҳои тавассути нафас офаридаи шоир бо зикри

мисолҳо аз ашъори ӯ муаллиф ба шарҳу тавзеҳ ва баёни масъалаи мавриди таҳлил пардохтааст. Зимни таҳлилу баррасии калимаҳои мураккаб ва таркибҳое амсоли “нафасозмо”, “нафас дар хун тапидан”, “нолаи хомӯшнафасон”, “нафасе занг бурун омадан” “тозиёна доштани нафас”,”қиёмати тӯфоннафас”, “фусуни нафас”, “табу тоби нафас”, омаду рафти нафас”, “ҷома пӯшидани нафас” ва ғайра муаллиф ҳунари маъниофаринии Бедилро дар мисоли як калима нишон дода, ба натиҷае мерасад, ки воқеан Абулмаонӣ Бедил тавассути як калима вожаву таркибҳои зиёд офарад ва ба маонии мухталифе корбурд намояд, ки аз ҳунари волои шоирӣ ва ибтикороти ӯ дар ғазал мебошад.

Дар фасли сеюми боби дуюм, ки **“Васоити тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Бедил”** унвон дорад, муҳаққиқ дар мисоли санъатҳои киноя ва муаммо вижагиҳои корбурди санооти шеъриро дар ғазалиёти Бедил баррасӣ намудааст. Таъкид мегардад, ки санъати киноя дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз пуркортарин санъатҳои адабӣ ба шумор меравад ва дар девони Бедил низ корбурди фаровн дорад. Ба андешаи муаллиф корбурди киноя дар шеъри Бедил ба ҳаддест, ки шояд дар ягон нафар аз шоирони дигар ба ин сурати истофадаро наметавон дарёфт ва ба дараҷае аст, ки дар ашъори шоир абётеро ба нудрат пайдо намуд, ки холӣ аз истифодаи киноя бошанд. Ҳамчунин яке аз авомили мубҳам гардидани маърифати шеъри Бедилро муҳаққиқ ба корбурди зиёди киноя марбут медонад. Дар идома муаллиф бо овардани абёти зиёд аз девони Бедил дараҷҷаи корбурди ин санъати шеъриро дар коргоҳи офариниши шоир мавриди таҳлил қарор дода, вижагиҳои хосаи истифода аз ин санъати шеърӣ ва офаридани маъниҳои тозаро дар ғазалиёти Абулмаонӣ таъкид менамояд. Натиҷаи муҳаққиқ аз баррасии корбурди киноя дар шеъри Бедил ин аст, ки дар баробари корбурди фаровон, ҳамчунин дар таҳаввули маъниофарӣ, зуҳури таркибу ибораҳои тозаи шоирона, ки гунаи онҳоро камтар метавон дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ пайдо намуд, таъсири зиёд гузоштааст. Қайд мешавад, ки кинояро ҳам дар қатори тамсилу ташхис, ибҳому истиора аз пуркортарин санооти адабӣ дар девони шоир номзад кард.

Дигар аз санъати бадеӣ, ки муҳаққиқ ба баррасии он дар девони Бедил пардохтааст, вижагиҳои корбурди санъати муаммо мебошад. Корбурди санъати муамморо ҳам дар девони Бедил муҳаққиқ ба яке аз авомили муҳими таҳаввулоти маъноӣ ва сохторӣ дар ғазалиёти шоир маҳсуб медонад. Чунин менамояд, ки дар ашъори шоирони то замони Бедил муаммо дар сурати фард, қитъа ва ё дигар анвои шеърӣ ба кор равад, дар девони Бедил дар баробари абёти ҷудогона ҳамчунин ғазалҳоеро метавон пайдо намуд, ки пурра дар шакли муаммо суруда шудаанд. Дигар ин ки бар асари ибҳомот ва печидагӯӣ дар шеъри Бедил муамморо аз муҳимтарин вижагиҳои шеъри шоир дониста, “каломи Абулмаониро шеъри муаммоӣ унвон кардаанд” [1, с.142]. Аз корбурди худи вожаи муаммо дар шеъри Бедил чунин менамояд, ки шоир тарзи гуфтори муаммогунаро announce мeписандидааст ва ҳангоми зикри ин вожа дар шеъри шоир рамзе нуҳуфтааст. Бо овардани намунаҳо аз ғазалиёти Бедил мавқеи санъати муаммо ва вижагиҳои ҳунарию сохтории он дар идома аз ҷониби муаллиф таҳлилу баррасӣ ёфта, дар охир як ғазали Абулмаонӣ, ки ҳар байти он дорои як муаммо мебошад, тавзеҳ ёфтааст.

Дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Бедил аз зумраи маъруфтарин шоироне мебошад, ки бо офаридани вожа ва таъбирҳои нодир дар ашъори хеш ҷойгоҳи баланд дорад. Дар баробари таҳаввулоти фикрӣ ва ҳунарӣ дар шеър, дигар аз муҳимтарин хусусияти забони шеъри Бедилро офариниши вожа ва таъбирҳои тоза бар худ ихтисос додааст. Тамоми бедилпажӯҳон ва муҳаққиқон, ки роҷеъ ба Бедил таҳқиқот анҷом додаанд, яке аз вижагиҳои ҳунарӣ ва махсусиятҳои шеъри ӯро дар офаридани вожа ва таркибҳои тоза қаламдод намудаанд. Аз ин рӯ, муаллиф боби чаҳоруми китобро “**Вожасозӣ ва шеваҳои хоси таъбирофаринӣ”** унвон гузошта, ба баррасии масъалаи мазкур бо диду назари тоза пардохтааст.

Дар натиҷаи омӯзиши ин вижагии поэтикии ғазалиёти шоир муаллиф дар чор бахш вожасозӣ, таркибофаринию таркибсозӣ ва ибораороии Абулмаониро дар асоси санаду далеҳои мушаххас аз ашъори шоир ба доираи таҳқиқ гирифтааст. Шоистаи таъкид аст, ки воқеан муаллиф зимни омӯзиши кулли девони шоир ва интихобу гузиниши муҳимтарин вожа ва таркибҳои офаридаи Бедил, яке аз беҳтарин таҳқиқиқотро дар заминаи ҷойгоҳи Абулмаонӣ дар офариниши вожаву таркибҳои шоиронаи нодир дар қаламрави шеъри форсӣ-тоҷикӣ анҷом диҳад.

Дар бахши аввал вожаҳои мураккаб ва ибораҳоеро аз девони Бедил барраси намудааст, ки ба шеваи хоси калимасозии Бедил барои ифодаи як маъно ва ҳатто теъдоди фаровони он дар тафсири як калима омадаанд. Мисолҳои фаровоне дар ин бахш оварда шуда, ки аз ҷумла роҷеъ ба ҳолати ориф дар мақоми ҳайрат аз девони Абулмаонӣ таркибҳое чун ҳайраткамин,

ҳайратрафта, ҳайратнаво, ҳайратоғӯш, ҳайратсуҷуд, ҳайратпараст, ҳайратдамида, ҳайратрақам, ҳайратизҳор, ҳайратфиреб,ҷунунҳайрат, ҳайратматоъ, ҳайраторо, ҳайратзада, ҳайратсиришт барои мисол овардааст.

Дар бахши дуюм ибороти сеҷузъӣ ё серҷузъии офаридаи Бедил, ки барои ифодаи маънии як мафҳум бунёд шудаанд, мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд мешавад, ки дар таркиби ин навъ иборахо бештари маврид вожаҳои бакоррафта аз маънои аслии хеш дур рафта, барои баёни матлаби мавриди назари шоир ба кор рафтаанд.

Таркибҳое, ки аз чанд ҷузъ ё калима офарида шудаанд, дар бахши сеюм муаллиф баррасӣ кардааст. Таркибҳое амсоли “тоқи абрӯи осудагӣ”, “димоғи замзамаи бениёзӣ”, кафили бурунхирозии ноз”, “сандали дарди сари ҳар шӯъла” ва ғайра шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Дар бахши чорум муаллиф ифодаҳоеро, ки дар қолаби воҳидҳои фразеологӣ дар коргоҳи офариниши Абулмаонӣ сохта шудаанд, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин замина муаллиф қайд мекунад, ки Бедил дар зимни корбурди ингуна ифодаҳо пеш аз ҳама кӯшидааст, ки маъонии тозае офарад ва ҳамчунин барои офаридани таркибҳои нодир бад-ин қолиб тавфиқ ёбад. То ба ҳадде дар ашъори шоир чунин таркибҳо нуфуз ёфта, ки дар як ғазал аз 30 то 50 адад убур мекунад. Барои намуна таркибҳои зиёде аз ашъори шоир, амсоли “тугма рехтан”, “хумор шикастан”, “гардан ба ҷайб дӯхтан”, “раҳ бурдан”, “нигоҳ дамидан” ва ғайра оварда шудааст.

Натиҷаи пажӯҳиши муаллиф аз фасли мазкур бозгӯи он аст, ки Бедил дар шеваи сохтмони вожаҳои мураккаб ва таъбиру таркибҳои шоирона дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таҳаввулоти ҳунарие анҷом дода, барои ғанои таркиби луғавии забон саҳми бориз гузоштааст. Ҳамчунин тавассути офаридани чунин вожа ва таркибҳо Бедил аз такрори вожаву иборахо барои баёни маъно гурез намуда, аз тарафи дигар бо истифода аз хазинаи бойи таркиби луғавии забон иборахои нобу тозаеро халқ намудааст.

Масъалаи ҷойгоҳ ва мавқеи Абуламонӣ дар корбурди **вожаву таркибҳо ва ҳифзи суннатҳои мардумӣ** дар фасли панҷуми боби мавриди таҳлил баррасӣ гардидааст. Зикри ин нукта муҳим аст, ки муҳаққиқ бар ин назар аст, ки вожаву таркиб ва фарҳанги мардумии дар ашъори Бедил корбастшуда, имрӯз бештар дар қаламрави забони форсии роиҷ дар Фароруд, махсусан дар забони мардуми тоҷик маҳфуз мондаанд. Аз ин ҷиҳат, муҳаққиқ яке аз сабабҳои ношинохтагии Бедилро дар Эрон ба ҳамин унсури забонӣ марбут медонад. Ҳамчунин қайд мешавад, ки ҳарчанд бедилпажӯҳони афғонӣ иддао мекунанд, ки забони шеъри Бедил бештар ба форсии роиҷ дар Афғонистон марбут аст, вале аз мутолиаи пажӯҳиҳи маъруфтарин бедилшиноси афғон Муҳаммадкозими Козимӣ чунин бармеояд, ки оддитарин калимаҳое, ки имрӯз дар забони мардуми тоҷик ба монанди “ганда”, чаҳормағз” ба кор меравад, дар шарҳи он душворӣ кашида, “ибҳомофарин” гуфтааст. Дар идома низ вожаву таркибҳои мудаддиде оварда шуда, ки бештарашон дар забони мардуми тоҷик имрӯз ҳам ба кор меравад, вале бедилпажӯҳони Афғонистону Эрон дар шарҳу тавзеҳи он ба ғалат роҳ додаанд ва ё ба душворӣ маънии онро дарёфт кардаанд. Аз ин ҷиҳат Н.Нуров дуруст қайд мекунад, ки огоҳи аз назокати забони форсии Фароруд ва ё ба истилоҳ форсии тоҷикӣ метавонад маҷмӯи тардидҳоро дар вожашиносии шеъри Бедил аз миён бардорад[1, с.172].

Дар фасли мазкур Н.Нуров зиёда аз 70 вожаву таъбир ва таркибҳоро аз девони Бедил оварда, дар муқоиса бо луғатномаҳо, махсусан “Луғатнома”-и Деҳхудо ба субут расонидааст, ки бештари ингуна вожаву таркибҳо ва фарҳанги мардумӣ, имрӯз дар забону фарҳанги мардуми тоҷик маҳфуз мондааст. Боиси қайд аст, ки мутолиаи фасли мазкур, ки муаҳаққиқ дар таълиф он заҳмати зиёдро таҳаммул намудааст, барои муштоқони шеъри Бедил дари ганҷинаи маониро боз хоҳад намуд. Ҳунари Абулмаониро Н.Нуров ҳангоми корбурди вожаву тарокиб ва фарҳанги мардумӣ дар он дарёфта, ки шоир чунин вожагону таркибҳоро хеле моҳиронаву бамаврид ба кор бурдааст. Ниҳоят таъкид мекунад, ки ҳарчанд имрӯз ин вожаву таркибҳо дар шохаҳои мухталифи забони форсӣ асли маънои хешро аз даст додаву ҷойи онҳоро муродифоди дигар соҳиб шудаанд, вале Бедил тавассути ба кор бурдан дар осори хеш дар ҳифзи ганҷинаҳои нодири забон саҳми арзанда гузоштааст.

Аз муҳимтарин масъалаҳое, ки то имрӯз дар бедилшиносӣ матраҳ мешавад, шарҳу тавзеҳ ва бозкушоии гиреҳҳои сурудаҳои Абулмаонӣ ба шумор меравад. Бо ин мақсад масъалаи мазкур аз назари муаллифи китоб зимни барраси масъалаҳои поэтикии ғазалиёти Бедил дур намондааст. Дар поёни боби дуюми китоб масъалаи мазкур дар зери унвони “**Шарҳ ва маънигузории шоирона дар девони Бедил**” матраҳ шудааст.

Муҳаққиқ дар ин фасл нахуст мухтасар ба масъалаи шарҳу маънигузории шоирона руҷӯъ намуда, қайд менамояд, ки Бедил низ аз зумраи он суханваронест, ки дар батни осори худ хеле аз мушкилоти шеъри худро бо гунаҳои мухталиф бо усули тафсири дохилӣ тавзеҳ додааст.Муаллифи китоби қайд мекунад, ки Бедилро метавон аз зумраи нахустин шореҳи афкору андеша ва девони ашъораш ба шумор овард. Дар натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур муаллиф барои муназзам ҷараён гирифтани таҳлили масъала андешаҳои худро дар се бахш изҳор доштааст. Дар бахши аввал "истилоҳоти фалсафӣ ва ирфонӣ", дар бахши дуюм "авотиф ва ҳолоти инсонӣ" ва дар бахши сеюм "вожагону таъбироти мухталиф" бо овардани мисолҳои зиёд баррасӣ гардидаанд.

Дар бахшҳои дигар низ ҳамин гуна мисолҳо бо овардани абёт аз осори Абулмаонӣ дар муқоиса ва таҳлил бо фарҳангномаҳо ва гоҳо шоирони мутақаддами Бедил тавзеҳ дода шудаанд. Мутолиаи фасли мазкур бозгӯи он аст, ки таммул дар девони Бедил хеле аз уқдаҳои шеъри ӯро барои хонанда боз мекунад.

Боби сеюми китоби мавриди тақриз **"Тасвирсозӣ, шигардҳои маъниофарӣ ва мазмунсозӣ"** унвон гузошта шуда, фарогири чор фасл мебошад.Дар фаслҳои боби мазкур нақш ва мақоми Бедил дар офаридани ғазалҳои тасвирӣ, вижагиҳои тасвири табиат дар ашъори ӯ, тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти шоир, маъниофаринӣ ва тавсеаи ҷанбаҳои мавзӯии ғазал дар девони Абулмаонӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Фасли аввали боб **"Ғазали тасвирӣ ва шеваҳои зуҳури он"** унвон дорад, ки Н.Нуров дар он баҳси кӯтоҳ роҷеъ ба тасвирпардозӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва девони Бедил намудааст. Муҳаққиқ дар ин замина қайд мекунад, ки то замони Бедил тасвири манозири табиат дар қисмати ташбиби қасоид бештар ба назар мерасид, вале аз баррасии ғазалиёти Бедил чунин бармояд, ки дар бархе аз ғазалҳои шоир тамоми абёти он аз тасвирҳои мухталиф фароҳам омадааст. Аз ин ҷиҳат, муаллифи китоб ингуна ғазалҳои девони Бедилро шартан ба истилоҳ "ғазали тасвирӣ" унвон гузошта, ин таҷрибаҳои шоирро яке аз вижагии тозаи ҳунарии шеъри ӯ ба шумор овардааст. Дар идома як ғазал аз девони шоир, ки саропо абёти онро тасвири манзараҳои табиат, воқеиятҳои зиндагӣ, тасвири равониву авотифи рӯҳӣ дар бар гирифтааст, ба тафсил шарҳу тавзеҳ додааст.

Фасли дуюми боби мавриди таҳлил мусаммо бар **"Тасвири табиат дар девони Бедил"** мебошад, ки дар асоси шарҳу тавзеҳи як ғазали баҳорияи Бедил, ки худ бо радифи "баҳор" суруда шуда, ин вижагии ҳунарии ғазалиёти Абулмаонӣ баррасӣ гардидааст. Роҷеъ ба масъалаи мазкур муаллиф қайд мекунад, ки тасвири табиат, хоса баҳор ва ситоиши назокату перостагиҳои он шурӯъ аз устод Рӯдакӣ то замони Бедил ҳамеша аз мавзӯоти меҳварии адабиёти мо будааст ва хоҳад буд. Аз таҳлилу тавзеҳи баҳорияи Бедил, ки муаллиф дар заминаи он мақоми ҳунарии Бедилро дар тасвири манзараҳои табиат муайян намудааст, чунин бармеояд, ки дар радифи шуарои дигари адабиёти классикии мо Бедил низ дар тасвири манзараҳои табиат, махсусан зебогиҳои фасли нозанин сол - баҳор дар ғазалиёташ ҳунари волое нишон додааст. Ҳамчунин қайд мешавад, ки Бедил дар заминаи тасвири зебоиҳои баҳор дар халқи маонии ноб ва офаридани тасвирҳои тозаву нотакрор чирадасту беназир будааст.

Аз паҳуҳишоти муҳиме, ки то кунан роҷеъ ба вижагиҳои ҳунарию бадеии ашъори Бедил аз ҷониби бедилшиносони ватанию хориҷӣ ба анҷом расидааст, яке аз хусусиятҳои асосии сабки баёни шоирро тасвирҳои парадоксӣ қайд намудаанд. Албатта, масъалаи мазкур низ ҳангоми баррасии масъалаҳои поэтикии ғазалиёти шоир аз тарафи Н.Нуров дур намондааст ва дар фасли сеюми боби мавриди таҳлил таҳти унвони **"Тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил"** мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Боиси қайд аст, ки пеш аз баррасии бевоситаи тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил, муҳаққиқ баҳси мухтасар роҷеъ ба зуҳури тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори шоирон, назари адабиётшиносон дар бобати истилоҳи тасвирҳои парадоксӣ, аввалин бор ҳамчун санъати шеърӣ шинохта шудани он аз ҷониби адабпжӯҳон баҳсу баррасиҳое анҷом додааст, ки ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Н.Нуров дар заминаи баррасии андешаи адабпажӯҳон бар ин натиҷа мерсад, ки ҳарчанд дар адабиёти классикии мо тасвирҳои парадоксӣ ба нудрат ба чашм мерасиданд, вале бори аввал муаллифи китоби "Ғизоло-ул-Ҳинд" Озоди Балгиромӣ бар асоси таҳлили муқоисавии балоғати ҳиндӣ, арабӣ ва форсӣ мушарраф ба кашфи ин санъати шеърӣ гардидааст. Озоди Балгиромӣ бар асоси балоғати ҳиндӣ сарчашмаи парадоксро ба санъате маъруф бо номи "вифоқ" муқаррар намудааст [1, с.251]. Дар ин замина бедилшинос Н.Нуров ба натиҷаи дигари илмӣ мерасад, ки яке аз сабабҳои зиёд ба кор рафтани тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри шоирони

сабки ҳиндӣ, махсусан Бедил таъсири поэтикаи қадим ва асримиёнагии ҳиндӣ ба андеша ва шеъри онон мебошад. Қайд мешавад, ки тасвирҳои парадоксӣ дар ғазалиёти Бедил нуфузи фаровон доранд ва метавон яке аз вижагиҳои ҳунарию сабкии ашъори шоир ба шумор овард, ки тавассути он шоир ба офаридани таъбиру ифодаҳои шоиронаи нодиру нотакрор дастёб гардидааст.Муаллиф таркибу ибораҳои зиёди парадоксиро аз қабили "аз ҳеҷ пуршудан", "бо оби рӯ таяммум кардан", "хушк шудан тар гирифтан", "Дар баҳори нодамида хирман коштани дона", "зӯри нотавонӣ", "иқболи аҷз" "баландии аҷз", "дар беоромӣ ором доштан" ва ғайра бо вардани абёт аз девони шоир шарҳу тавзеҳ додааст.

Фасли охири боби сеюми китоб "**Маъниофарӣ ва тавсеаи ҷанбаҳои мавзӯии ғазал дар девони Бедил**" номгузорӣ шудааст. Чунонки аз номи фасл ҳам маълум мегардад, муаллиф дар фасли мазкур роҷеъ ба мақому манзалати Бедил дар тавсеа ва густариши мавзӯи ғазал дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ пардохтааст. Дар ин замина муҳаққиқ қайд мекунад, ки чун ғазал аз анвои ғиноии шеър ба шумор меравад ва дар меҳвари мавзуоти он ишқи заминиву ирфонӣ қарор дорад, то замони Бедил доираи мавзӯоти матраҳ дар ғазалро метавон баршумурд, аммо дар сабки ҳиндӣ, хоса Бедил ва пайравони ӯ имкони ҳисоби мавзӯоти он мавҷуд нест ва ҳатто дар як ғазал бештар аз 10 мавзӯъ бо шеваҳои хоси шоирона шарҳу тафсир шудааст. Ҳамчунин муҳаққиқ ишора мекунад, ки баррасии таснифоти мавзуии девони Бедил пажӯҳиши амиқу доманадор ва ҷудогонаро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, Н.Нуров дар ин замина аз девони шоир бозтоби мавзӯоти ирфонӣ ва фалсафиро аз диди мақоми ҳунарии шоир дар маъниофарӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст.Яке аз мавзуоти муҳим, ки муаллиф бар он дар девони Бедил бештар таваҷҷӯҳ намудааст "**Фалсафаи ваҳдат ва касрат, сулҳи кулл ва муколамаи фарҳангҳо**" мебошад.Дар ин замина Н.Нуров бо овардани мисолҳо аз девони шоир ва муқоисаи он бо шоирону адибони дигар шеваҳои баён ва маъниофарии шоирро матраҳ намудааст.

Дар фаслҳои **боби чаҳоруми китоб** таассури поэтикии Бедил аз суханварони гузаштаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар ин замина, муаллиф дар фасли аввали боби мазкур таъсири сабку андешаи устод Рӯдакиро ба ашъори Бедил баррасӣ намудааст. Ба андешаи муаллиф дар таъсири сохту мундариҷаи рубоии маъруфи устод Рӯдакӣ (Омад бари ман. Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар...), ки дар тазкираҳо низ қайд шудааст, Бедил истиқбол намуда, ду рубоӣ суруда, ки ин худ далели таваҷҷӯҳи Абулмаонӣ ба сабки баёни Рӯдакӣ мебошад. Дигар аз ҷанбаи таъсиргузории шеваи баёни Рӯдакиро ба ашъори Абулмаонӣ муҳаққиқ дар мисоли вежагиҳои бадеии каломи Одамушшуаро, махсусан тамсил ва ирсоли масал ба доираи баҳс гирифтааст. Дар асоси як ғазали устод Рӯдакӣ (Дило, то кай ҳамеҷӯӣ манеро) бо муқоиса ва таҳлили исроли масалҳое, ки дар ин ғазали Рӯдаки оварда шуда ва дар сабкҳои ироқиву ҳинди баъдан роиҷ гардидани ин санъати шеърӣ изҳори назар шудааст. Дар баробари ин корбурди вожагони мураккаб ва таркибҳое бо истифодаи "вобастаҳои ададӣ", истифодаи парадокс, ҷанбаҳои ахлоқӣ дар ашъори Рӯдакӣ ва минбаъд ривоҷ пайдо кардани ин хусусиятҳо дар шеъри сабки ҳиндӣ, хоса дар ашъори Бедил бо овардани мисолҳо муқоиса ва таҳлил карда шудааст.

Дар фасли "**Чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонии "Шоҳнома" дар девони Бедил**" муаллиф таъсири паҳлавонҳои асотирию афсонавӣ ва таърихии достонҳои "Шоҳнома"-ро ба ашъори Бедил дар заминаи офаридани образҳои ҳунарию бадеӣ дар ғазалиёти шоир, дар мисоли Бежан, Рустам, Ҷамшед, Фаридун, Қайқубод ва ғайра баррасию таҳлил намудааст. Муҳаққиқ дар омӯзиши бозтоби чеҳраҳоии асотирӣ ва паҳлавонии "Шоҳнома" бар ин натиҷа мерасад, ки таъсири "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ҷиҳати маърифати шоир аз устура ва достонҳои кадимаи қавмҳои эронинажод назаррас мебошад. Дар баробари ин Абулмаонӣ дар таъсири достонҳои Ҳакими Тӯс ба офаридани мазомин ва маъниҳои тоза муваффақ гардидааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ кайд мекунад, ки Бедил "дар заминаи асотири "Шоҳнома" ба офариниши устураҳои ҳунарии шеъри форсӣ... даст ёфтааст" [1, с.328].

Аз омӯзиши фасли сеюми боби мавриди таҳлил (**Бедил ва Мавлоно Балхӣ)** чунин бармеояд, ки Мавлоно дар ҷаҳони андеша ва сабки Бедил таъсири амиқ гузоштааст. Чунонки маълум аст, Мавлоно Балхӣ аз зумраи шоирони соҳибсабку соҳибмактаби адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ аст, ки дар таърихи адабиёти мо ба шоирони баъдии худ таъсири зиёд гузоштааст. Дар баррасии масъалаи мазкур муҳаққиқ нахуст ба сарчашмаҳои замони шоир ва бедилшиносони маъруф таваҷҷӯҳ намуда, қайд мекунад, ки ҳанӯз дар рӯзгори Бедил яке аз шогирдонаш тазкиранависи маъруфи Шибҳи қораи Ҳинд Хушгӯ таъсири сабку андешаи Мавлоноро ба Бедил таъкид карда буд [1, с.330]. Ҳамчунин андешаҳои бедилшиноси маъруфи афғонӣ Салоҳуддини Салҷуқиро дар робита ба иродати Бедил ба Мавлоно овардааст [1, с.330]. Дар

идома муаллиф бевосита ба баррасии пайвандҳои мавзӯию вижагиҳои сохторӣ ва ҳунарию фикрии Мавлоно бо Бедил дар мисоли иттиҳоди қавмию динӣ дар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно ва зуҳури мактаби сулҳи кулл дар Ҳинд ва таблиғи ваҳдати мазҳабҳо дар ашъори Бедил, андешаҳои ирфонию фалсафии Мавлоно, махсусан ваҳдати вуҷуд, баҳси ақлу ишқ, адаму ҳастӣ, ва таъсири он ба афкори Бедил, бардошти Абулмаонӣ аз шеваҳои тасвирсозӣ ва ибораороии Мавлоно, таъсири ҷанбаҳои сохтории ғазалиёти Мавлоно ба ғазалҳои Бедил пардохтааст, ки аз масъалаҳои муҳим ва меҳварии фасли мазкур аст, ки муаллиф бо овардани санадҳои кофӣ аз ашъори ҳар ду шоир таҳқиқ намудааст. Дар фасли охири боби чаҳоруми китоб таъсири вижагиҳои ҳунарии шеъри Толиби Омулӣ ба ашъори Бедил ба доираи таҳқиқ гирифта шудааст. Қайд мешавад, ки Толиб аз шоирони саромади сабки ҳиндӣ ва ҳамасри Бедил мебошад, ки ҳарчанд ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, махсусан сабки ҳиндӣ камтар шинохта шудааст, вале бо ин ҳама таъсири шеъру андешаи ӯро ба шоирони сабки ҳиндӣ, хоса Абулмаонӣ мушаххас метавон кард. Аз гуфтаи муаллиф чунин бармеояд, ки иродати Бедилро ба Толиб метавон аз муқаддимаи маснавии "Муҳити аъзам" пай бурд, ки дар радифи суханварони номваре чун Ҳилолӣ, Соиб исми Толибро ҳам ба забон овардааст. Тасирпазирии Бедил аз Толибро муҳаққиқ дар мисоли авзони шеърӣ, қофияву радиф, пайвандҳои маънавӣ, корбурди вожа, таркиботи нодир, тасвирҳои парадокси, ҳиссомезӣ ва ғайра ба доираи таҳқиқ гирифтааст. Дар натиҷа муаҳаққиқ ба натиҷае мерасад, ки бо вуҷуди мақому манзалате, ки Абулмаонӣ дар сабки ҳиндӣ дошт, мақому мартабаи ҳунарии Толибро эътироф менамуд ва равишҳои ҳунарии ӯро истиқбол ва пайравӣ намуд. Боби панҷуми асар ба масъалаҳои таъсири Бедил ба суханварони адабиёти тоҷикии Фароруд аз нимаи дувуми асри XVIII то аввали асри XX бахшида шуда, доир ба пайравони Абулмаонӣ дар адабиёти тоҷикии Фароруд ва таъсири шоир ба суханварони давраи бозгашти адабӣ- дар мисоли Сабоҳии Бедгулӣ баҳс мекунад.Дар воқеъ аз баррасии бобу фаслҳои китоби "Поэтикаи ғазалиёти Абдулқодири Бедил" бармеояд, ки муаллиф тайи солҳои зиёд бо истифода аз сарчашмаҳои хуби илмӣ таҳқиқоти арзишмандеро дар заминаи поэтикаи ғазалиёти Бедил таълиф намудааст. Муаллиф бо омӯзиши муҳимтарин манобеъ ва таҳқиқоти марбут ба мавзӯъ заминаи хуби пажӯҳишро фароҳам овардааст. Китоб бо фарогирии таҳқиқоти хоса дар масоили поэтикии ғазалиёти Бедил холигоҳеро дар адабиётшиносии тоҷик пур сохтааст.

Ишора ин нукта ҷоиз аст, китоб дар баробари муваффақиятҳо аз камбуду норасоиҳо орӣ нест, ки онҳоро ба ин тариқ шуморидан мумкин аст:1.Боби дуюми асар "Сабкшиносӣ ва поэтикаи забони ғазалиёти Бедил" ном гирифтааст, ки ба назари мо, дар ин унвон истифодаи вожаи "забон" зиёдатист, зеро бе истеъмоли ин калима ҳам маъно мафҳум аст. Гузашта аз ин ташхиси забони шеър як ҷузъи сабкшиносӣ ба ҳисоб меравад; 2.Дар фасли сеюми боби дуюм - "Васоити тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Бедил", ки киноёту муаммои шеъри Абулмаонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, маълум нест, ки чаро муҳаққиқ таҳлили ин ду воситаи тасвирро аз сойири саноеи шеърӣ руҷҳон додааст.Бояд иллати ин интихоб рӯшан мешуд; 3.Рисола асосан бо сабки хеле корхӯрда ва матини илмӣ навишта шудааст, вале гоҳо имтизоҷи сабки илмӣ бо бадеӣ ба мушоҳида мерасанд, ки як навъ ба зуҳури татвили калом мусоидат намудааст.

Фикр мекунем, ки ин эродҳо ҳаргиз ба арзиши илмии асар таъсиргузор нестанд, балки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси ҳусни асар хоҳад шуд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Нуров,Н.Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил/Н.Нуров.-Хуҷанд,Ношир,2020.-444с.
2. Ҳамдам, Б.Савмаи маърифат[Андешаҳо перомуни ашъори Мирзо Бедил ва пайравони ӯ]/Б.Ҳамдам.-Ғончӣ, 1999.-170с.
3. Хамдамов, Б.Мирзо Бедиль и тематико-стилевые особенности таджикской поэзии XIX века: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. филол. наук : 10.01.03/Б.Хамдамов.-Худжанд,1997.-27 с.


## REFERENCES:


1. Nurov,N.Poetics of Mirzo Abdulqadir Bedil`s Ghazals/N.Nurov.–Khujand: Publisher,2020.– 444 p.
2. Hamdam, B. Savmai Marifat [Reflections on Mirzo Bedil`s Poetry and his Followers] / B. Hamdam. - Ghonchi, 1999. – 170 p.
3. Hamdamov, B. Mirzo Bedil and Thematico-Stylistic Peculiarities of Tajik Poetry Referring to the XIX-th Century: synopsis of candidate dissertation in philology: 10.01.03 / B. Hamdamov. - Khujand, 1997. - 27 p.